ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Ҷиёнзода Зулфия дар мавуи «Шароитҳои педагогии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ)

Низоми таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ боиси фароҳам овардани истифодаи технологияҳои навин дар ҷараёни таълим ва роҳҳои ташаккул додани малакаҳои донишазхудкунӣ донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ гаштааст. Низоми муосири педагогии тарбияи рафтори иҷтимоии донишҷӯён дар ҳама давру замон характери ягона надорад, балки вобаста ба тараққиёти илму техника ва технологияҳои муосири таълим мавқеи худро тағйир хоҳад дод.

Имрӯз яке аз омили муҳим дарки масоили ташаккул ва рушди сифати иҷтимоишавӣ, мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ ба ҳисоб меравад. Вазифаҳои асосии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ дар ҳуҷҷатҳои расмӣ, ки дар даҳсолаҳои охир қабул гардидаанд, муқаррар шудаанд. Муҳиммияти мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ дар қонунҳо ва санадҳои меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», Консепсияи миллии маълумот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мақсади онҳо рушди соҳаи маориф, баландбардории сифати таълиму тарбия ва ташаккули шахсияти насли ҷавон мебошад, асоснок шудааст.

Мавзуи интихобнамудаи унвончӯ Ҷиёнзода Зулфия «Шароитҳои педагогии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ» хеле мубрам ва муҳимарзёбӣ мегардад. Кори таҳқиқотӣ мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсиониро муҳаққиқ ба таври муфассал таҳқиқ намудааст.

Мақсади таҳқиқотро шароитҳои педагогии асосноккунии назарияи мубрамсозии шахсияти донишҷӯёнро ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ ва татбиқи амалии он дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ташкил медиҳад.

Навгонии илмии таҳқиқотро таҳияи амсилаи мушаххасгардонии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ дар асоси таҳлили омилҳои беруна ва дохилӣ ташкил дода, амали муштараки омилҳоеро инъикос менамояд, ки раванди таълимиро мукаммал месозанд. Инчунин дастгоҳи илмии таҳқиқот дақиқ карда шуда, таърифҳои муаллифии мафҳумҳои калидӣ дар заминаи дигаргуниҳо ва пешравиҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дода шуданд, асосҳои педагогии хислатҳои шахсиятии донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ ошкор ва муайян карда шуданд, консепсияи идоракунии педагогии фаъолияти донишҷӯён ҳамчун барандагони инноватсия дар асоси назарияи мубрамсозии шахсият таҳия шудааст. Принсипҳои асосӣ бо омилҳое муайян шуданд, ки рушди шахсиятро муайян карда, мазмуни онҳоро асосҳои методологӣ, назариявӣ ва амалии идоракунӣ ташкил медиҳанд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар амалияи кори омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва дар низоми такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳои педагогӣ ва роҳбарикунандаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳияи барномаҳои асосии касбии таҳсилотӣ ва барномаҳои корӣ дар соҳаи маориф мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар идоракунии нерӯи педагогии муассисаи таҳсилоти оли касбӣ ҷиҳати мубрамсозии бомуваффақияти хислатҳои шахсиятии донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ; дар низоми такмили ихтисоси ҳайати профессорӣ-омӯзгорӣ; да таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсионии педагогӣ дар раванди таҳсилотӣ ва тартиб додани маҷмуи воситаҳои ҳавасмандгардонӣ барои омӯзгорон ва донишҷӯён истифода намудан мумкин аст.

Дар коркарди рисола муаллиф аз сарчашмаҳои фаровони илмиву методӣ ва махсусан таърихӣ истифода намуда, дар асоси хулосаҳои дақиқи илмӣ нақши назариву амалии мавзуи мавриди таҳқиқро муфассал баён намуда, навгониҳои арзиши баланди илмидоштаро пешниҳод намудааст.

Андешаҳои муаллиф дар пойгоҳи озмоишҳои педагогӣ мавриди омӯзишу санҷиш қарор гирифта, натиҷаҳои бадастомада мунсифона мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст ва хулосаҳои амиқи ҳаматарафа санҷидашудаву исботшуда ба даст омадааст, ки эътимоди таҳқиқотро тақвият додааст.

Рисолаи мазкур аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулосаи бобҳои алоҳида, хулосаи умумӣ ва рӯйихати адабиёти мавриди таҳқиқ иборат аст.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқот ва дараҷаи омӯзиши он, асосҳои назариявию методологӣ ва усулҳои таҳқиқот, аҳамияти назариявию амалӣ ва навгониҳои илмии таҳқиқот асоснок карда шуда, фарзия, мақсаду вазифаҳо ва объекту предмети таҳқиқот муайян гардидаанд.

Дар боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявӣ-методологии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ» таҳлили назарияҳо оид ба анъанаҳо ва инноватсияҳо дар фарҳанг ва таҳсилот, технологияҳои муосир ҳамчун қисмати фарҳанг ва таҳсилот амалӣ гардидаанд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ методи лоиҳасозӣ ҳамчун технологияи педагогӣ баррасӣ гардидааст, ки моҳияти он дар худташкилдиҳӣ ифода ёфта, ба донишҷӯён имкон медиҳад иштироки фаъол намоянд ва мустақилона дар равнди таълим дониш ба даст оранд.

Боби дуюми диссертатсия «Муайян намудани шароитҳои педагогии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ» ба таҳлили асосҳои илмӣ, ғояҳои асосӣ ва истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди татбиқгардии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ бахшида шудааст.

Муаллиф дар боби мазкур таҳлил ва баррасии натиҷаҳои таҳқиқотро анҷом дода, таърифи зеринро барои фарҳанги инноватсионии шахс пешниҳод менамояд: “фарҳанги инноватсионӣ ин дараҷаи таърихан муайяншудаи омодагии шахс ба навовариҳо, инчунин имконият ва хоҳиши қабул, татбиқ ва эҷоди онҳо мебошад”.

Боби сеюми диссертатсия «Татбиқи шароитҳои педагогии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ» баррасии натиҷаҳои мебошад.

Дар боби мазкур муаллиф ҳадафи асосии таҳқиқоти худро аз он иборат медонад, ки фазои муассисаи таҳсилоти олии касбиро ба муҳити мусоиди рушди шахсияти донишҷӯён табдил диҳанд. Ӯ қайд мекунад, ки ин фазо бояд имкониятҳоро барои худмубрамшавӣ, эҷодкорӣ ва ташаббус фароҳам оварад. Он бояд ба донишҷӯён дар муайян кардани потенсиали худ, таҳияи нақшаҳои касбӣ ва ба даст овардани муваффақият дар ҳаёти шахсӣ ва касбӣ кӯмак расонад.

Бояд гуфт, ки автореферат дар ҳалли масъалаи мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ хулосаҳои амиқи илмиро пешниҳод менамояд.

Натиҷаҳои ба дастомадаи муҳаққиқ, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳои методӣ аз ҷиҳати илмию – методӣ дар кори илми таҳқиқотӣ асоснок карда шудаанд.

Вале барои боз ҳам беҳтар гардидани мазмуну муҳтавои кори таҳқиқотӣ баъзе тавсияҳои хешро пешниҳод менамоям:

1. Хуб мешуд, ки дар кори таҳқиқотӣ иқтибосҳо аз таҳқиқоти олимони ватанию хориҷӣ бештар оварда мешуд.

2. Дар кори таҳқиқотӣ баъзе ғалатҳои техникӣ мушоҳида мегардад, ки ислоҳи онҳо зарур мебошад.

Дар умум, автореферати диссертатсияи Ҷиёнзода Зулфия дар мавуи «Шароитҳои педагогии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ» ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) мебошад.

Муқарриз, номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент, ноиби ректор оид ба идеология,
тарбия ва робита бо ҷомеаи Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Аҳмадзода Зулфия Кабир

Имзои Аҳмадзода З.К.-ро тасдиқ мекунам
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси АИД назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Насурдинзода А..

Маълумот барои тамос: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33 Тел: +992985459980; E-mail: zuifiya@mail.ru.

11.06.2026